**Иқтибос аз суратҷаласаи № 11**

маҷлиси васеи Шурои олимони факултети филологияи тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

аз 30 июни соли 2022

Иштирок доштанд:

раис ва аъзои Шурои олимони факултети филологияи тоҷик, муқарризони холиси экспертизаи давраи дуюми диссертатсия – номзади илми филология, дотсент, директори Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирӣ Мирсаидов Б.Т., мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқ номзади илми филология, дотсент Шарипова М.З.

**Рӯзнома:**

1. Баррасии диссертатсия ва автореферати номзадии унвонҷӯи кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзӯи "Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик" (давраи истиқлолият) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ.

**Шунида шуд:**

*Тиллоҳоҷаева М.Н. – раиси* Шурои олимони факултети филологияи тоҷик н.и.ф., дотсент маҷлисро кушода, иброз дошт, ки дар рӯзномаи маҷлис масъалаи аввал баррасии диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи адабиёти муосир тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" оид ба эспертизаи давраи дуюми диссертатсия дар мавзӯи "Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик" (давраи истиқлолият) барои экспертизаи давраи дуюм (аз рӯйи талаботи Низомномаи нави Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) мебошад.

Роҳбари илмии диссертатсияи номзади илми филология, дотсент Мирзоев Садриддин Холович мебошад.

Мақсади экспертизаи давраи дуюм ба ҳимоя мувофиқ будан ё набудани диссертатсия, пешниҳоди он ба Шурои дифоъ (агар мувофиқ бошад) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ мебошад.

Сухан барои шинос кардан бо муҳтавои диссертатсия ба унвонҷӯй Ризобоева Н.М. дар мавзӯи "Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик" (давраи истиқлолият) дода шуд. Унвонҷӯй Ризобоева Н.М. дар маърӯзаи худ оид ба мақсад, вазифа ва муҳтавои диссертатсия гуфт:

"Иҷозат фармоед, рисолаи номзадии худро зери унвони "Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик" (давраи истиқлолият) пешниҳод намоям. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса иборат буда, дар ҳаҷми 162 саҳифаи чопи компютерӣ таълиф гаштааст.

Аз корҳои анҷомёфта равшан мегардад, ки имрӯз ба таври зарурӣ ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик таҳқиқ нашудааст ва зарурати он пеш меояд, ки баррасии ин мавзӯъ меҳварҳои аслии рисолаи моро ба вуҷуд оварад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсади аслии мо таҳқиқи ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик мебошад. Вазифаҳои таҳқиқ аз баррасии мушаххаси масъалаҳои зерин иборатанд:

- баррасии ҷараёнҳои шеъри муосири тоҷик ва тамоюлҳои навпардозӣ дар он;
- ибтикороти ҳунарии шоирон дар ашъори суннатӣ;
- ҷойгоҳи шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик ва навгароӣ дар он;
- пажӯҳиши заминаҳои пайдоиши тасвири парадоксӣ дар шеъри тоҷикӣ;
- ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик;
- нақши тасвири парадоксӣ дар эҷоди мазмунҳои шоирона;
- замина ва омилҳои нуфузи тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик;
- тасвири парадоксӣ дар ашъори ғиноӣ;
- таҳқиқи махсусиятҳои тасвири парадоксӣ дар шеъри нимоӣ ва сапед;
- вижагиҳои тасвири парадоксӣ дар таҳаввули ҳунари шоирии суханварон;
- ҷойгоҳи парадокс дар таҳаввули маъноии шеър ва баёни муассири матлаб;
- мақоми тасвири парадоксӣ дар ашъори бонувони суханвари муосири тоҷик (Гулрухсор, Фарзона, Гулноз).

Асосҳои назариявии рисола ба дастовардҳои олимону муҳаққиқони барҷастаи ватанию хориҷӣ, ба монанди Алиасғари Шеърдӯст, Маҳмуди Футуҳӣ, Нуралӣ Нуров, Равшани Ҳамроҳ, Грязнов А. Ф, Крушинский А.А., Казаков А.Н., Костюк В.Н. ва дигарон ба кор бурда шудаанд.

Доир ба ҷойгоҳи парадокс дар шеъри имрӯзи тоҷик то кунун таҳқиқоти муайяне сурат гирифтаанд, аммо корҳои анҷомёфта, бештар дар робита ба шеъри гузашта сурат гирифтаанд. Бахши муайяни рисолаи донишманди маъруф Маҳмуди Футуҳӣ ба таҳқиқи заминаҳои пайдоиши

парадокс ва тасвири парадоксӣ дар адабиёти ҷаҳон ва сайри таърихии он дар адабиёти форсии тоҷикӣ бахшида шудааст. Шафеии Кадканӣ дар робита ба шеъри Бедил бахше аз тадқиқоти хешро ба таври кӯтоҳ ба тасвири парадоксӣ ихтисос дода, ҳатто таъкид доштааст, ки ин истилоҳро гӯё худи вай сохтааст. Бар асоси тадқиқи анҷомдёфта маълум гардид, ки парадокс ҳамчун навъи санъати бадеӣ бори аввал дар китоби "Ғизолон-ул -Ҳинд" бо номи "вифоқ" зикр шудааст. Адабиётшинос Нуралӣ Нуров фасле аз рисолаи хешро, ки "Тасвири парадоксӣ дар ғазалиёти Бедил" унвон дорад, ба таҳқиқи ҷойгоҳи ин навъи тасвирҳо бахшидааст.

Таҳқиқи ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик асосан дар бахше аз рисолаи номзадии Равшани Ҳамроҳ, дар робита ба ашъори Гузназар сурат гирифтаст.

Дар адабиётшиносии рус ва Аврупо силсилаи тадқиқот дар бораи назарияи парадокс ва ҷойгоҳи он дар адабиёти халқҳои ҷаҳон дар корномаҳои илмии олимони рус ва хориҷӣ чун Грязнов А. Ф, Казаков А. Н. Якушев А.О., Костюк В.Н., Краснопольская А.П., Крушинский А.А. ва дигарон ба назар мерасад. Дар ин таҳқиқот ҷойгоҳи парадокс ҳам аз назари фалсафӣ ва ҳам диди адабиётшиносӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Аз корҳои анҷомёфта равшан мегардад, ки имрӯз ба таври зарурӣ ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик таҳқиқ нашудааст ва зарурати он пеш меояд, ки баррасии ин мавзӯъ меҳварҳои аслии рисолаи моро ба вуҷуд оварад.

Диссертатсия аз се боби бо ҳам марбут иборат аст.

**Боби якуми** - "Вежагӣ ва равандҳои асосии шеъри муосири тоҷик дар даврони истиқлол" унвон дошта, аз ду фасл иборат аст.

1.1. "Адабиёти даврони истиқлол: хусусият ва тамоюлҳои навгароӣ дар он" унвон дорад. Дар ин бахш дар бораи ҷараёнҳои адабии замони

истиқлол, вежагиҳои аслии адабиёти давра, тамоюлҳои навгароӣ ва муҳимтарин равандҳои шеъри имрӯз мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

1.2. “Шеъри тасвирӣ ва анвои тасвир“ ном гирифта, дар он тасвир ва тасвирсозӣ, ки яке аз муҳимтарин вижагиҳои ҳунарии шеър ба шумор меравад баён гашта, мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

**Боби дуюми** - “Сарчашмашиносӣ ва заминаи ташаккули тасвири парадоксӣ дар адабиёти тоҷик” унвон дошта, шомили се фасл мебошад.

2.1. “Тасвири парадоксӣ: моҳият, марҳила ва асосҳои зуҳури он” унвон дошта, дар он перомуни парадокс ва тасвирҳои мутаноқизнамо мулоҳиза шудааст. Ҳамчунонки диссертант иброз медорад, парадокс ҳарчанд дар шакли мазкур гӯё истилоҳи нав ба шумор равад ҳам, аммо заминаҳои таърихии онро метавон аз адабиёти классикии тоҷикӣ ҷустуҷӯ намуд.

Дар адабиёти муосири тоҷик низ шеваҳои сохтмони тасвири парадоксӣ бо беҳтарин ваҷҳ идома ёфтааст. Хосатан, дар шеъри даврони соҳибистиқ лолии Тоҷикистон нуфузи тасвири парадоксӣ ба сурати ҷолиб ва ба унвони яке аз падидаҳои нодири ҳунарӣ ба ҷилва омадааст.

2.2. “Ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри тоҷикии садаи XX” унвон гирифтааст. Маълум аст, ки ҳар падидаи ҳунарӣ шаклу шева ва равиши махсуси зуҳур дорад ва тааммул дар моҳияту шаклу эҷоди тасвири парадоксӣ низ равишҳои хоси зуҳури хешро доро мебошад.

2.3. “Аркон ва шеваҳои эҷоди тасвири парадоксӣ” аст, ки муҳимтарин равишҳои он чунин аст:

1. **Шахсиятбахшии ашё ва мафоҳими отифиву маънавӣ.** Дар ин шева нақши асосиро санъати ташхис иҷро мекунад.

   Мехостам ойина шавам, аммо
   Лабханди санг ройи маро бишкаст (Озар) .

2. **Тасвири ҳолат ва отифаҳои инсонӣ.** Муҳимтарин шеваи таҷассуми тасвири парадоксӣ ҳангоми баён ё тасвири ҳолат ва отифаҳои инсонӣ ба назар мерасад

Бенишотӣ:

чи бузург каме,

Беғамӣ:

чи бузург ғаме...( Доро Наҷот)

**3. Тазод ва танокуз дар баён**. Аз муҳимтарин шеваҳои эҷоди тасвири парадоксӣ истифодаи мафоҳими ба ҳам зид ё эҷоди танокуз дар шеър мебошад, ки боис ба зуҳури тасвири парадоксӣ мегардад. Асли парадокс танокуз аст ва онро тасвири мутанокизнамо ба ҳамин сабаб низ гуфтаанд.

Содагӣ

мураккаби дилам буд,

ки сангдилонаш

ба осонӣ мешикастанд ...( Доро Наҷот)

**4.Ҳиссомезӣ.** Ҳиссомезӣ дар адабиётшиносӣ як хусусияти муҳими шеърӣ эътироф шудааст.

Ман дар ин бодия аз боди гузар беш наям,
Ин парешонии роҳи ману ин оҳи парешони лабам (Гулназар)

**Боби сеюми** - "Тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик" (шеъри даврони истиқлол) унвонгузорӣ намудааст, ки он аз ду фасл иборат аст.

3.1. "Нақши парадокс дар таҳаввули маъно ва сабки баён" ном гирифта, таваҷҷуҳ ба ҷойгоҳи парадокс дар шеъри муосири тоҷик бахшида шудааст, ки дар даврони истиқлолияти миллӣ, тавре дар боби аввали рисола низ изҳор шуда, муҳимтарин суннатҳои хоси шеъри давраи классикии тоҷик давом ёфтаанд, ки яке аз намунаҳои он истифодаи парадокс дар шеъри имрӯз ба шумор меравад. Вобаста ба ин, муҳимтарин вижагиҳои корбурди ин навъи арзиши ҳунарии шеър дар таълифоти шоирони даврони 30 соли истиқлолияти давлатӣ баррасӣ мешавад.

3.2. "Тасвири парадоксӣ дар шеъри бонувони суханвари имрӯзи тоҷик" номгузорӣ шуда, дар ин қисмат тамоюли хуби шеъри хубони

порсигӯ дар шеъри даврони истиқлоли кишвар, дар мисоли се тан аз ин суханварон- устод Гулрухсор, Фарзона ва Гулноз дар алоҳидагӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Амалисозии ҳамаи ин бобу бандҳо дар қисмати "Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда"-и диссертатсия ифода ёфта, дар хулосаи бобҳо ва хулосаи ҷамъбастии диссертатсия баён гардидааст".

Дар идома қайд карда шуд, ки дар диссертатсия аз хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқ дар 13 банд пешниҳодҳо дода шудаанд.

Дар бораи навгонии рисола унвонҷӯй иброз дошт, ки рисола дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқоти монографӣ мебошад, ки дар он заминаҳои зуҳури тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик ва нақши онҳо дар таҳаввули маъноиву ҳунарии каломи суханварон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар ҷараёни таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мавриди баҳс муқаррар шудааст, ки тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик аз мавқеъ ва мақоми муҳим бархурдоранд. Дар заминаи руҷӯъ ба ашъори шоирони имрӯз равшан гардид, ки шоирони муосири тоҷик барои дар сатҳи матлуб бардоштани тасвири парадоксӣ ва идомаи суннатҳои хоси шеъри классикии тоҷик дар мисоли чунин як рукни ҳунарии шеърӣ нақши муассир гузоштаанд, ки дар ин миён саҳми суханвароне чун Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулназар, Гулрухсор, Доро Наҷот, Фарзона, Суруш, Гулноз ва дигарон назаррас мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷмӯаҳои илмӣ ва маҷаллаҳои давр тавассути фишурда (автореферат) ва 10 номгӯйи мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар нашрияҳои дар қайди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, манзури доираи васеи хонандагон гардонида шудааст.

Дар қисмати саволу ҷавоби маҷлис ба унвонҷӯй чунин саволҳо дода шудаанд.

**Савол:** доктори илми филология, профессор Ӯлмасова З.- Маърӯза пурмуҳтаво буд, онро бодиққат гӯш кардам. Вобаста ба мавзӯи таҳқиқи шумо аз муҳаққиқони муосири тоҷик киҳо корҳои илмӣ анҷом додаанд?

**Ҷавоб:** -Ташаккур барои савол. Аслан тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик куллан таҳқиқ нашудааст, вале мулоҳизаҳо нишон медиҳанд, ки баъзе аз адабиётшиносони тоҷик ҳамчун Аскар Ҳаким, Рустам Ваҳҳобзода, Муҳаммадалии Аҷамӣ дар мавриди тасвир ва анвои он андешаҳои муҳим баён кардаанд.

**Савол.** доктори илми филология, профессор Матлубаи Мирзоюнус- Мафҳуми парадокс оё тарҷума дорад? Агар чунин аст, чаро шумо "тасвирҳои парадоксӣ" номгузорӣ кардаед?

**Ҷавоб:**- Ташаккур, саволи бисёр ҷолиб, парадокс калимаи юнонӣ буда, маънои аҷоиб, ғайриоддиро дорад. Фикре, ки ба афкори дуруст ва хулосаҳои илмӣ мувофиқат намекунад. Гуфтори ғайриоддӣ ва норавшане, ки дурустӣ ё нодурустии онро муайян кардан мушкил мебошад. Дар таълифоти гузаштагони мо парадокс ҳамчун муноқиза, таноқуз, мутаноқиз, нақиз, вифоқ, хорика муаррифӣ шудаанд. Аммо мафҳуми "парадокс" имрӯз васеъ ва густурда аст. Дигар ин ки донишмандони гузаштаи мо, аз ҷумла, Озоди Балгиромӣ дар тазкирааш "вифоқ"- ро як навъи санъат донистааст. Аммо парадокс имрӯз ба маънии васеъ фаҳмида мешавад ва навъҳои гуногун дорад.

Раиси маҷлис суханро барои тақриз ва муқарризи холис н.и.ф., дотсент, директори Китобхонаи вилоятиҷ оммавии ба номи Тошхоҷа Асирӣ Мирсаидов Б.Т. дод.

**Гузориши муқарризи холис Мирсаидов Б.Т.:**

**ба диссертатсияи номзадии Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик» (давраи истиқлолият) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ**

Диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна ба тадқиқи як чанбаи ҳунари тасвирпардозии шоирони муосири тоҷик бахшида шуда, аз чанд ҷиҳат навгонӣ ва тозакорӣ дорад. Ин гуфтаро сохтору мундариҷа, муҳтаво, шеваи таҳқиқ, инчунин сайри умумӣ доир ба манзараи шеъри замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон собит менамояд.

Рисола аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, се зерфасл, хулоса ва рӯйхатти адабиёти истифодашуда иборат буда, дар муқаддима зарурати интихоби мавзуъ, аҳамияти таҳқиқи он, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои асосии таълифи пажӯҳиш ва дигар муқаррароти кори илмӣ мушаххасан арзёбӣ шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Вижагӣ ва равандҳои асосии шеъри муосири тоҷик дар даврони истиқлол» унвон дошта, дар ду фасл масъалаҳои марбут ба хусусиятҳову тамоюлҳои адабиёти замони истиқлол ва шеъри тасвирию анвоӣ он мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. Диссертант дар ин қисмати рисола вазъи пешрафти адабиёти замони мо, таъсири ҳаводису падидаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавиро ба шеър таҳқиқ карда, доир ба манобеи таъсиргузор ба илҳому истеъдодӣ шоирӣ сухан меронад ва мулоҳизаҳои хешро дар бобати дастабандии шеъри тасвирӣ таъйид месозад.

Ёдоварӣ ва судҷӯӣ аз афкори мунаққидони машҳур – пажӯҳишгарони адабиёти тоҷику форс, амсоли Ризо Бароҳанӣ, Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, Маҳмуди Футуҳӣ, Алиасғари Шеърдӯст, Аскар Ҳаким, Абдунабӣ Сатторзода, Абдурраҳмон Абдуманнонов, Матлубаи Мирзоюнус, Нуралӣ Нуров, Равшани Ҳамроҳ ва дигарон, овардани намунаҳои рӯшану барҷаста аз ашъори шоирон, таҳлили огоҳонаи афкори адабии ноқидон ва ҳунари тасвиргарии суханварон далолат бар он дорад, ки унвонҷӯ моҳияти мавзӯъро хуб дарк намуда, огоҳона ба ташреҳи масоили меҳварии таҳқиқоташ шуруъ кардааст.

Матлаби мазкурро решаҷӯии масъалаи мавриди назар ва омӯзиши пешинаи корбурди ин санъат дар назми классикӣ ва шеъри имрӯзи тоҷик, ки дар боби дуюми диссертатсия омӯхта шудааст, маълум месозад.

Ин боби таҳқиқоти Ризобоева Н.М. «Сарчашмашиносӣ ва заминаи ташаккули тасвири парадоксӣ дар адабиёти тоҷик» ном гирифта, масъалаҳои моҳияту марҳила ва асосҳои зуҳури тасвирҳои парадоксӣ, пешинаи корбурди он дар адабиёти классикии тоҷик, ҷойгоҳи чунин навъи тасвир дар шеъри тоҷикии садаи XX ва аркону шеваҳои эҷоди ин ҷанбаи ҳунари шоирона таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Унвонҷӯ бо такя ба андешаҳои олимони назарияпардози асримиёнагии тоҷику форс, монанди Шамси Қайсӣ Розӣ ва Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, муҳаққиқони ватанию хориҷии муосир ва дар заминаи ашъори шоирони гузаштаву имрӯза кӯшиш намудааст, ки ҷойгоҳи парадоксро дар адабиёт муайн созад. Муҳим он аст, ки ӯ сарчашмаи корбасти ин санъатро аз ашъори Одамушшуаро Рӯдакӣ дарёфта, истифодаи онро дар ашъори шуарои машҳури сабки ҳиндӣ ва минбаъд дар шеъри рӯзгори мо бо интихоби намунаҳои ҷолиб тадқиқ мекунад. Ба ин васила рисоланавис арзиши эстетикии санъати парадоксро дар марҳилаҳои гуногуни таърихи адабиёти тоҷику форс маънидод намуда, онро як воситаи пуробуранг сохтани каломи манзум ва истеъдоди волои шоирӣ арзёбӣ мекунад.

Муаллифи таҳқиқот мавзӯи аркон ва шеваҳои эҷоди тасвири парадоксиро бо сайри кӯтоҳи таърихӣ оғоз карда, доир ба мафҳумҳое, ки хоси тасвир ва дарунмояи шеър мебошанд, мулоҳиза меронад. Ӯ таҳлили шахсиятбахшии ашё, мафҳумҳои отифию маънавӣ, тасвири ҳолат, тазоду танокузи баён, ҳисомезӣ ва дигар паҳлӯҳои шеваҳои бозтоби маҳорати эҷодии шоиронро аз шеъри устод Рӯдакӣ шурӯъ карда, ба намунаҳои шеъри шоирони сабки ҳиндӣ рӯй оварда, идомаи ин анъанаро дар ашъори суханварони замони мо Гулназар, Доро Наҷот, Муҳаммадалии

Аҷамӣ, Озар, Шаҳобуддини Шуҷоъ, Гулнoз, Нарзуллоҳи Азизиён ва адибони дигар дармеёбад.

Аз баррасиҳои дар бобҳои якуму дуюм анҷомёфта ду ҷиҳати масъала равшан мегардад. Аввалан, кӯшиш меравад, ки заминаҳо ва собиқаи истифодаи парадокс дар қаламрави адабиёти беш аз ҳазору садсолаи мо собит шавад. Дувум, дар бобҳои ёдшуда вобаста ба масъалаҳои баррасишаванда порчаҳои шеърии зиёд аз ашъори чеҳраҳои шинохтаи назми муосири тоҷик таҳлилу тавзеҳ меёбанд. Ин маънои онро дорад, ки аз оғози диссертатсия сар карда пайванди андешаҳо ва робитаи бобу фаслҳо бо мавзӯи меҳварии пажӯҳиш халал намеёбад ва унвонҷӯ ҳамеша огоҳона дар сари мақсади аслӣ меандешад, ба маҳорати суханварон мустақилона баҳо медиҳад ва мубоҳисаҳои илмӣ мероояд.

Боби охирини диссертатсия «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик» (давраи истиқлолият) унвон дошта, аз ду фасл ва се зерфасл иборат аст. Дар фасли аввали ин боб, ки «Нақши парадокс дар таҳаввули маъно ва сабки баён» ном гирифтааст, падидаҳои ҳунарӣ дар мисоли парадокс бо интихоби чанд порчаи манзум аз ашъори шоирон Низом Қосим, Аскар Ҳаким, Доро Наҷот, Камол Насрулло, Искандари Хатлонӣ, Суруш, Нуралӣ Нурзод, Нусратулло Бобоев ва чанд шоири насли нави адабиёт мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Фасли охирини диссертатсия, ки шомили се зерфасл мебошад, ба ташреҳи маҳорати бонувони суханвари имрӯзи тоҷик – Гулрухсор, Фарзона ва Гулноз дар эҷоди тасвирҳои парадоксӣ нигаронида шудааст. Тасвирҳои парадоксии шоирони ёдшударо унвонҷӯ аз чанд ҷиҳат, аз назари мазмун, мавзӯъ, ҳунар, бозёфтҳои шоирона, пайванди тасвир бо ҳаводиси иҷтимоӣ, таърихӣ ва падидаву зуҳуроти мухталиф тадқиқ намудааст.

Хулосаи умумии рисола низ ба ҳамон равиши хосе, ки дар саросари тадқиқот ба мушоҳида мерасад, навишта шуда, зубдаи андешаҳои муаллифи рисоларо фарогир аст.

Рисола бо сабки муҳаққиқона, риояи меёърҳои баҳси илмӣ, истиқлоли назари муаллиф, корбурди саҳеҳи сарчашмаҳои илмиву адабӣ навишта шуда, аз поёни як мавзӯи тадқиқотӣ дар адабиётшиносии тоҷик башорат медиҳад.

Дар баробари муваффақияту навгониҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст:

1. Дар саҳифаи 55-уми рисола байте, ки Шамси Қайсӣ Розӣ барои санъати мунoқаза ҳамчун далел овардааст, ғалат навишта шудааст.
2. Дар рисола ҷо-ҷо ғалатҳои имлоиву техникӣ ва номувофиқатии сарчашмаи ишорашуда бо рӯйхати адабиёт ба назар мерасад.

Эродҳои мазкур зуд ислоҳшаванда буда, арзиши илмии рисоларо ба ҳеҷ ваҷҳ кам намекунанд.

Бо итминон метавон гуфт, ки диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик» (давраи истиқлолият) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шудааст. Автореферат ва мақолаҳои таълифкардаи унвонҷӯ муҳтавои асосии рисолаи илмиро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд. Муаллифи диссертатсия барои пешниҳод шудан ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-037 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров» аз рӯйи ихтисоси 10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ сазовор мебошад.

**Гузориши муқарризи холис Шарипова М.З.:**

**ба диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзӯи “Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик” (давраи истиқлолият) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.08. -Назарияи адабиёт. Матншиносӣ.**

Таваҷҷуҳ ба навгароӣ дар шеъри муосири тоҷик ҳанӯз аз солҳои 60-80-уми асри гузашта тавассути корномаҳои адабии суханварони бузурги адабиёти мо, чун Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва дигарон шуруъ гардида, ки дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон чунин таҳқиқотҳо майлони нав касб намуд. Ҳарчанд ибтикороти ин суханварони мумтози мо ҳам бар асоси истиқлоли фикриву маънавӣ ва ҳунарии хеш ва ҳам таъсири ҷараёнҳои шеъри муосири кишварҳои форсизабон рӯи кор омаданд, аммо мулоҳиза мешавад, ки истиқлоли сиёсии кишвар баробари дигар тадбирҳои муҳим барои таъмини истиқлоли фикрӣ, раҳоии шеъри муосири тоҷик аз ҳар гуна маҳдудаҳои ақидавӣ ва расидан ба марзи истиқлоли комил заминаҳо фароҳам овард, ки дар арсаи аввалини ин марҳила низ ҳамоно шоирони мазкур қарор гирифтанд. Онҳо муваффақ бар он шуданд, ки дар марҳилаи нави таҳаввули шеъри тоҷикӣ аз майлонҳои тоза ба кор гирифта, таҷрибаҳои тозаеро ба арсаи шеъри имрӯз ба намоиш гузоранд.

Пажӯҳиши таъсири парадокси дар шеъри муосири тоҷик тавассути омӯзиши осори адибони садаи XX сурат гирифта, дар адабиётшиносии тоҷик иқдоми тоза ба назар расид, зеро ин масъала то ба ҳол ба таври илмӣ ва системанок мавриди таҳлил қарор нагирифта буд. Ҳарчанд ки маводи зиёде дар ин хусус ҷамъоварӣ, андешаҳои алоҳидаи илмӣ нисбати масъалаи таҳқиқшаванда баён шуда буданд, аммо диссертатсияи ан ҷомшуда нахустин асари илмии мукаммал ба ҳисоб меравад.

Ибтидо, муаллиф бо пажӯҳише, ки анҷом гардидааст, ошноии тӯлонӣ ва комил дорад. Ризобоева Наргиса ба таҳлилу баррасии ҳунарҳои шеърии адибони барҷастаи моро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Зарурат ба таъкид аст, ки муаллифи рисола бо интихоби сарчашмаҳои адабӣ доир ба ҳаёт ва интишори эҷодиёти осори адибони XX аллакай нашршуда иктифо накарда, балки шахсан худаш ба ҷамъоварии ин намуди сарчашмаҳо иқдом намудааст. Чунин иқдом барои илми муосир

арзиши ниҳоят калон дорад, зеро он як қисмати амалии пажӯҳишро намудор месозад.

Дар диссертатсия оид ба накди адабии кишварҳои мухталиф низ таваҷҷуҳ ба таҳқиқи ҷанбаҳои парадокс ва тасвири парадоксӣ ба мушоҳида мерасад. Инчунин, дар адабиётшиносии рус ва Аврупо дар бораи ҷойгоҳи парадокс ҳам аз назари фалсафӣ, мантиқ ва ҳам диди адабиётшиносӣ дар осори манзум ва мансури кишварҳои мухталиф мулоҳизаҳо баён шудаанд.

Ба кор гирифтани усулҳои дурусти пажӯҳиш натиҷаи амиқи таҳлилро ба бор меорад. Маҳз интихоби усулҳои назарӣ ва амалии таҳлили маводи рисола арзиши дигари онро фароҳам овардааст. Муаллифи диссертатсия бо такя бар усулҳои назариявии олимони шинохтаи ватанию хориҷӣ, ки дар илмҳои адабиётшиносӣ мавқеи асосии худро дарёфт намудаанд, истифода намудааст ва қисмати асосии таҳлили рисола бар усули таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ қарор гирифтаст. Мустафод аз ин усул ба унвонҷӯ имкон додааст, то дар партави таҳлилу муқоисаи тасвирҳои парадоксӣ ва афкори аҳли илм дар мавриди таъсири парадоксии осори адибон асри XX андешаҳои илмӣ доир ба масъалаҳои усули истифда, заминаҳо ва раванди рушду интишори онҳо низ қайд гарданд. Маводи диссертатсия, порчаҳои шеърии чун мисол овардашуда аз ашъори адибони мавриди таҳқиқ бидуни таҳлили ғоя ва шакл тасаввур кардан аз имкон берун аст. Аз ин лиҳоз, унвонҷӯ тавонистааст аз усулҳои таҳлилҳои матнӣ, назариявӣ ва таҳлили назми таърихӣ, муқоисавӣ-таърихии адабиётшиносӣ ва таҳлили поэтикӣ ба таври фаровон ва мақсаднок истифода намояд.

Ҳамин тариқ, нахустин маротиба нақши тасвирҳои парадоксӣ дар адабиёти муосири тоҷик ба ҳайси мавзӯи марказии як диссертатсия қарор дода шуда, муаллифи он ба ҳадафи дар пешаш гузошташуда ноил гардидааст.

Таҳлилҳои назарии диссертатсия дар асоси омӯзиши таълифоти донишмандони *ватаниву хориҷӣ*, ки дар рисола ҷой гирифтаанд, афкори назарии муаллиф ва нати ҷаҳои ҳосилнамуда дар адабиёти давраи навин тақвият бахшида, дар таъйини вижагиҳои ашъори дорои тасвири парадоксӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ, хусусун давраи навии ташаккули адабиёти муосири тоҷик мусоидат карда метавонад. Нати ҷаҳои дар заминаи мабоҳиси ҷудогонаи рисолаи бадастомада ва равишҳои пажӯҳишии мавриди назари моро дар таҳқиқоти ҳамгун низ метавон ба кор гирифт.

Банду басти диссертатсия ба талаботи Тартиби навиштани рисолаҳои мутобиқат мекунад ва худи рисола аз рӯйи ихтисоси 10.01.08.-Назарияи адабиёт, матншиносӣ пурра ҷавобгӯ мебошад. аммо бо дар назардошти он, ки диссертатсия бо забони хуби илмӣ таҳия шудааст, дорои баъзе аз камбудиҳо низ ҳаст, ки ислоҳи минбаъдаи он ба салоҳи кор хоҳад буд.

1. Дар гузоштани баъзе адабиёт камбудиҳо ба назар мерасанд, ки бо феҳристи адабиёт мутобиқат надоранд.
2. Қисмати хулосаи диссертатсия бояд тибқи талабот ҷобаҷо кард.

Диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзӯи "Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик" (давраи истиқлолият) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.08.-Назарияи адабиёт. Матншиносӣ ба талаботи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқати пурра дорад. Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Муаллифи диссертатсияи пешниҳодшуда сазовори дарёфти дараҷаи номзади илми филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.08.-Назарияи адабиёт. Матншиносӣ мебошад.

**Суханронии номзади илми филология, дотсент Аъзамзод С.:**

Қайд карданиам, ки ман ҳамчун узви сексияи назди Шурои дифои номзадии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дар ҷаласа иштирок ва гузориш доштам. Дар он бо иштироки олимони соҳибтаҷриба, аз ҷумла, профессорон Файзуллоев Н., Хоҷаева М., дотсентон Мавлонов А., Бобоева З., Мавлонова М. Ва нафарони дигар диссертатсияи Ризобоева Н. хеле батафсил муҳокима гардида, ба ҷуз зикри комёбиҳои унвонҷӯй, боз мушаххасан сухан аз норасоиҳо ва ислоҳи онҳо рафта буд. Таъкид карданиам, ки диссертант бо камоли

масъулият ба ислоҳи норасоиҳо кӯшид: аз рӯйи дархостҳои муқарризон кор кард, рисоларо такмил дод.

Масалан, яке аз эродҳо ин буд, ки дар қисмати дараҷаи омӯхташавии мавзӯъ баъзе таҳқиқоти асосӣ ҷой нагирифтаанд:китоби профессор Матлубаи Мирзоюнус "Ҳамзоди тӯфон", таҳқиқоти Алиасғари Шеърдӯст, Сурайё Ҳакимова. Минбаъд диссертатсия аз ин ҷиҳат низ такмил дода шудааст.

Ҳамчунин дар диссертатсия дар бораи ҷусторҳо дар даврони истиқлолият такмил дода шудаанд.

Диссертатсия ба методологияи дурусти таҳқиқ асос ёфтааст, бобҳо бо ҳам дар алоқаи мантиқӣ қарор доранд, дар маҷмӯъ таҳқиқот мукаммал гардидааст.

Ман ҳам диссертатсияи Ризобоева Н.М. дар мавзӯи "Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик" (давраи истиқлолият) –ро ҳамчун ҷавобгӯи талаботи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ва муаллифи онро шоистаи унвони номзади илми филология мешуморам.

**Суханронии роҳнамои илмии диссертатсия номзади илми филология, дотсент Мирзоев Садриддин Холович**: рисолаи унвонҷӯй Ризобоева Н.М. дар сексияи назди Шурои диссертатсионӣ мавриди баррасӣ қарор дошт. Дар муҳокимаи он олимони кафедраи адабиёти муосири тоҷик иштирок карда,дар такмили диссертатсия пешниҳодҳо кардаанд, аз рӯйи онҳо унвонҷӯй хеле ҷиддӣ кор кард ва хатоҳо ислоҳ шудаанд. Ман ҳамчун роҳнамои илмӣ диссертатсияро ба дифоъ пешниҳод менамоям.

**Суханронии номзади илми филология, дотсент Саидов С:**
Ман унвонҷӯй Ризобоева Наргис Мамадкаримовнаро ба анҷоми диссертатсияи номзадӣ табрик менамоям, боварӣ дорам, ки он бомуваффақият ҳимоя мегардад. Унвонҷӯй шоистаи дараҷаи номзади илми филология мебошад.

Раиси маҷлис дар идомаи ҷаласа чунин лоиҳаи қарори маҷлисро пешниҳод намуд:

“Бо назардошти андешаҳои боло, ки иброз шудаанд, Шурои олимони факултети МДТ- и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” оид ба экспертизаи давраи дуюми диссертатсияи Ризобоева Н.М. дар мавзӯи “Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик” (давраи истиқлолият) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ пешниҳод карда шавад”.

**Иштирок доранд**: 20 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

“тарафдор”- 20 нафар, “зид”- нест, “бетараф”- нест.

Протоколи №11 аз 30-уми июни соли 2022.

Қарор якдилона қабул шуд. Бо ҳамин маҷлис бо рӯзномаи зикршуда хотима ёфт.

**Номзади илми филология,**
**дотсент** **Тиллохоҷаева М.Н.**

**Муқаррризони экспертизаи давраи дуюми диссертатсия-**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент**
**директори Китобхонаи вилоятии оммавии**
**ба номи ТошхоҷаАсирӣ** **Мирсаидов Б.Т.**

**Номзади илми филология, дотсент,**
**мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики**
**факултети забонҳои шарқ** **Шарипова М.З.,**

**Котиби маҷлис, н.и.ф., дотсент:** **Қосимова И.Т.**

**“Имзоҳои Тиллохоҷаева М., Мирсаидов Б.,**
**Шарипова М., Қосимова И.-ро тасдиқ менамоям”**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ-и**
**“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров»:** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вил. Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.**
**тел:+(992)1170770700**
**E-mail: ddhkadr@mail.ru**